**Тақриз**

ба авторефератИ Салямова Дилафруз Нарзимуродовна, дар мавзуи «Заминаҳои пайдошавии лакнатзабонӣ дар кӯдакон ва технологияи бартарафсозии он» барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.03 - педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия)

Масъалаи ислоҳ намудани нуқсони нутқ дар ҷумҳурӣ яке аз мавзӯи рузмарра ба ҳисоб меравад. Нуқсони нутқ маҳс аз синни томактабӣ бояд ислоҳ намуд. Нуқсони нутқи лакнатзабонӣ яке аз вазнинтарин нуқсон буда, барои ислоҳ намудан он технологияи бозӣ воситаи гуфтугӯи кӯдакон ба шумор меравад. Лакнатзабонӣ як ҷанбаи маъмули осебпазирии нутқ аст ва аксаран дар кӯдакони хурдсол мушоҳида гардида, минбаъд дар сурати ислоҳ нашудан ба инкишофи нутқ ва шахсияти онҳо, умуман, ба ташаккули солимии хислатҳои зиёди кӯдак халал мерасонад, мутобиқшавии иҷтимоии ӯро душвор мегардонад. Вобаста ба ин зарурати омӯзиши механизмҳои лакнатзабонӣ ва донистани хусусиятҳои гуногуни зуҳури он, бартараф кардани он тавассути ғанӣ гардонидани захираи луғавӣ аз калимаҳои нав муҳим арзёбӣ мегардад.

Муҳаққиқ дар автореферат қайд намудааст, ки дар Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015 чунин омадааст: “Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир самтҳои асосии рушди таҳсилоти фарогирро (инклюзивиро) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, дар таъмини ҳуқуқҳои баробари кӯдакони имконияташон маҳдуд барои гирифтани таҳсилот мусоидат менамояд”

Лозим ба зикр аст, ки лакнатзабонӣ ҳамчун осеби нутқ дар фарқият аз дигар шаклҳои осеб бо вижагиҳои хоси худ мебошад, ки мазмуни

моҳияти онро бидуни таҳқиқи ҳамаҷонибаи ин падида дарк кардан мушкил аст. Маҷмуи амалҳои ба ислоҳи лакнатзабонӣ нигаронидашударо дар заминаи таҷрибаи то имрӯз ҷойдошта ба ду самт ҷудо кардан муносиб аст: табобатию офиятбахшӣ ва коррексионию тарбиявӣ. Махсусан, равиши фардию ҷудогонаро барои мушоҳидаи инкишофи шахсияти кӯдаки лакнатзабон дар ҷараёни татбиқи корҳои коррексионӣ бояд ба инобат гирифт.

Иллатҳои печидаи лакнати забон аз давраҳои пеш ҳам то андозае мавриди таваҷҷуҳ қарор дода шудааст. Арасту иброз менамуд, ки лакнати забонӣ метавонад иллати асосӣ бошад ва то миёнаи асри XIX низ кӯдакони дорои лакнати забон мавриди ҷарроҳӣ қарор мегирифтанд ва ин ҷарроҳиҳо боиси шадидтар шудани лакнати забон дар кӯдакон мегардиданд.

Барои ноил шудан ба ҳадаф дар кори диссертатсионӣ вазифаҳои зерин ҳал карда мешаванд:

1.Асосноккунии методологияи омӯзиши ҷанбаи фонемикии нутқи кӯдакони синни томактабӣ бо инкишофи умумии нутқ;

2.Омӯхтани хусусиятҳои темпо-ритмикии нутқ дар кӯдакони лакнатзабон дар асоси технологияи бозӣ;

3.Нишон додани нақши бозиҳои логопедӣ дар ислоҳи нуқсонҳои лакнатзабонӣ;

4.Дар заминаи корҳои амалии анҷомёфта асосҳои назариявии методологияи фаъолияти бозиро баррасӣ кардан;

5. Таҳияи машғулиятҳои логопедӣ барои кӯдакони синни томактабӣ бо истифода аз усулҳои нави таълимӣ;

6.Ислоҳ намудани нуқсони лакнатзабонӣ бо воситаи зондҳо ва расмҳо.

Озмоиши таҳқиқот дар муассисаи таълимии томактабии махсуси №151 “Бойчечак”, ширхоргоҳ-кӯдакистони хусусии “Наберача”-и шаҳри Душанбе гузаронида шуд, ки дар он 18- нафар кӯдакони нуқсони лакнатзабон, 2- нафар логопед ва 2-нафар мураббия иштирок намуданд.

Вазифаи муҳими логопед дар гурӯҳи кӯдакони лакнатзабон фароҳам овардани шароит барои маҳдуд кардани муҳити нутқ барои кӯдакон мебошад.

Мулоҳизаҳои умумӣ оид ба автореферати диссертатсия:

Дар автореферати рисола бояд олимони ватанӣ бештар истифода мешуд.

Автореферат рисолаи диссертатсия ба «Низомнома Комиссияи олии аттестатсиони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" мувофиқ буда, муаллифи он Салямова Дилафруз Нарзимуродовна аз рӯи ихтисоси 13.00.03 - педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) сазовори унвони илмии номзади илмҳо дониста шавад.

номзади илмҳои педагогӣ,
муаллими калони кафедраи педагогика,
психология ва методикаи таълим,
факултети филологияи Донишгоҳи
Славянии Руссия ва Тоҷикистон Қурбонова З.Ш.

Имзои Қурбонова З.Ш.-ро тасдиқ мекунам
Сардори идораи кадрҳо ДСРТ, н.и.ф., дотсент Раҳимов А.А.

Маълумот барои тамос: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Мирзо Турсунзаде 30, телефон:(372213550), почтаи электронӣ: http://www.rtsu.tj